# ПРОТОКОЛИ №25
## маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-038

аз «06» 08 соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар азъои шуро 13 нафар

**Раиси шуро:** Аз 16 – нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 тахти №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз №318/шд 6-уми сентябри соли 2024 тасдиқгардида 13 – нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 4 – нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравconfiguration.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимояи такрорӣ иҷозат додани диссертатсияи Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим дар мавзуи “Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биокимиёвӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои биологӣ, профессор Алиев Қ. ва аъзои комиссия, доктори илмҳои биологӣ, Раҳимов С., номзади илмҳои биологӣ, дотсент Шахсуфбекова О.М. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим дар мавзуи “Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биокимиёвӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)” ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимояи такрорӣ қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим дар мавзуи “Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биокимиёвӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо пншниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

Диссертатсияи Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим дар мавзуи “Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биокимиёвӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо ба ҳимояи такрорӣ қабул карда шавад.

1. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Мирзораҳимзода Акобир Карим -** доктори илмҳои биологӣ, профессор, ноиби президент, раиси Шуъбаи илмҳои биологии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
- **Давлатбек Суҳайло Худоёрбек** – номзади илмҳои биологӣ, декани факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев.

2. Ба сифати **муассисаи пешбар -** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров таъин гардад.
3. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои ДМТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.
5. Таърихи баргузории ҳимоя “15” 10 2026 соати $13^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор - 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои биологӣ.,
профессор академики АМИТ Якубова М.М.

Котиби шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои биологӣ., дотсент Ҳамидзода Х.Н.